Замимаи 1

Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 30 декабри соли 2015, № 799

тасдиқ шудааст

**Низомномаи Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда**

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда (минбаъд - Комиссия) мақоми доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми ҳамоҳангсози Низоми ягонаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда (минбаъд - Низоми ягона) мебошад.

2. Комиссия дар фаъолияти худ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ", дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳолатҳои фавқулодда, ҳамчунин Низомномаи мазкурро дастури амал қарор медиҳад.

3. Комиссия бо мақсадҳои зерин таъсис дода шудааст:

- ташаккул ва гузаронидани сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фаққулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ;

- баланд бардоштани устувории фаъолияти иншооти иқтисодиёти мамлакат ва тайёрии тамоми зинаҳои мақомоти идораи ҷумҳуриявӣ барои амалиёти фаврӣ ва самаранок дар ҳолатҳои ба амал омадани вазъияти ғайриоддӣ, ки дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ (минбаъд - ҳолатҳои фавқулодда) рух додаанд.

## 2. ВАЗИФАҲОИ КОМИССИЯ

4. Вазифаҳои асосии Комиссия аз инҳо иборатанд:

- ташаккул ва гузаронидани сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда;

- гузаронидани сиёсати ягонаи техникӣ дар соҳаи баланд бардоштани устувории фаъолияти иншооти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳолатҳои фавқулодда;

- муайян намудани самтҳои асосии такмил ва рушди минбаъдаи Низоми ягона;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти комиссияҳо оид ба ҳолатҳои фавқулоддаи зернизомҳои вазифавӣ ва ҳудудии Низоми ягона дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда, ҳамчунин баррасӣ ва бо тартиби муқарраршуда пешниҳод намудани лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои мазкур ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти комиссияҳо оид ба ҳолатҳои фавқулоддаи зернизомҳои вазифавӣ ва ҳудудии Низоми ягона дар таҳияи лоиҳаҳои барномаҳои мақсаднок оид ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда ва таъмини фаъолияти устувори ташкилотҳо, инчунин фаъолият оид ба иҷрои барномаҳои мазкур;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти комиссияҳо оид ба ҳолатҳои фавқулоддаи зернизомҳои вазифавӣ ва ҳудудии Низоми ягона дар таҳия ва амалисозии чорабиниҳои ташкилӣ ва муҳандисию техникӣ оид ба пешгирии ҳолатҳои фавқулодда, таъмини устуворӣ ва бехатарии фаъолияти иншооти хатарноки имконпазир дар ҳолатҳои фавқулодда;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки корҳоро дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда бо истифодаи маблағҳои ташкилотҳои байналмилалӣ, қарзҳо, маблағгузориҳо, инчунин маблағҳои буҷети ҷумҳуриявии барои ин мақсад ҷудогардида ва дигар манбаъҳои маблағгузорӣ, анҷом медиҳанд;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунӣ ва қувваҳои Низоми ягона ҳангоми гузаронидани корҳои доираашон васеи садамавию наҷотдиҳӣ ва дигар корҳои таъхирнопазири барқарорсозӣ оид ба таъмини фаъолияти иншооти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар мавриди ба амал омадани ҳолатҳои фавқулодда ва барои наҷотбахшӣ ва ҳифзи саломатии одамон, коҳиш додани зарари моддӣ, ҳаҷми зиён ба муҳити табиӣ ва инчунин барои маҳдуд сохтани минтақаҳои ҳолатҳои фавқулодда равона гардидаанд;

- мусоидат намудан ба комиссияҳо оид ба ҳолатҳои фавқулоддаи зернизомҳои вазифавӣ ва ҳудудии Низоми ягона ҳангоми амалӣ намудани корҳо оид ба рафъи ҳолатҳои фавқулодда, кӯчонидани аҳолӣ аз минтақаҳои ҳолатҳои фавқулодда;

- мусоидат намудан ба комиссияҳо оид ба ҳолатҳои фавқулоддаи зернизомҳои вазифавӣ ва ҳудудии Низоми ягона дар ҳалли масъалаҳои расонидани кӯмаки зарурии иҷтимоӣ ва дигар кӯмакҳо ба шаҳрвандон, ки дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулодда зарар дидаанд, инчунин ба шаҳрвандон, ки барои рафъи онҳо ҷалб гардидаанд;

- мусоидат намудан ба комиссияҳо оид ба ҳолатҳои фавқулоддаи зернизомҳои вазифавӣ ва ҳудудии Низоми ягона ҳангоми гузаронидани корҳои барқарорсозӣ баъд аз ҳолатҳои фавқулодда;

- омода намудани пешниҳодот ҷиҳати муқаррар намудани муносибатҳои шартномавӣ бо давлатҳои хориҷӣ оид ба масъалаҳои огоҳонии тарафайн, кӯмакрасонӣ дар бобати пешгирӣ ва рафъ намудани оқибатҳои ҳолатҳои фавкулоддаи эҳтимолӣ;

- омода намудани пешниҳодот оид ба ташаккули низоми чораҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ, илмию техникӣ, ҳуқуқӣ ва дигар чораҳо, ки ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда равона гардидаанд;

- омода намудани пешниҳодот оид ба расонидани дастгирии моддию молиявӣ ба зарардидагони ҳолатҳои фавқулодда;

- омода намудани пешниҳодот оид ба тақсимоти захираҳои молиявӣ ва моддию техникие, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рафъ намудани ҳолатҳои фавқулодда, анҷом додани тадбирҳои таъҷилию таъхирнопазири пешгирӣ ва рафъ намудани оқибати ҳолатҳои фавқулоддаи ногаҳон бамиёномада ҷудо менамояд;

- назорат аз болои истифодабарии мақсадноки маблағҳои Буҷети давлатӣ, инчунин, сарватҳое, ки аз ҳисоби захираи моддии давлатӣ барои рафъи ҳолатҳои фавқулодда ҷудо мегарданд;

- таъмини ҳамоҳангии фаъолияти вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо ҳангоми ҳалли вазифаҳо дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда, ҳамчунин барқарорсозӣ ва сохтмони манзилҳои истиқоматӣ, иншооти хоҷагии коммуналию манзилӣ, соҳаи иҷтимоӣ, инфрасохтори истеҳсолӣ ва

муҳандисӣ, ки дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулодда зарар дидаанд ё вайрон шудаанд;

- баррасии масъалаҳо оид ба ҷалби қувва ва воситаҳои мудофиаи граждании барои ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ташкили захираҳои манбаъҳои молиявӣ моддию ҷиҳати рафъи ҳолатҳои фавқулодда;

- амалӣ намудани фаъолияти иттилоотию таҳлилӣ оид ба масъалаҳое, ки ба ваколати Комиссия марбутанд;

- муқаррар намудани нуқтаи назари ягона ба баҳодиҳии ҳолатҳои фавқулодда, муайян намудани ҳудуди минтақаҳои ҳолатҳои фавқулодда ва эътинонамоии муносиб ба онҳо;

- муайян намудани ҳаҷми зарари ба молу мулк расида ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ ҳангоми ба амал омадани ҳолатҳои фавқулодда тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муайян намудани маблағгузории чорабиниҳо оид ба рафъи ҳолатҳои фавқулодда ва таъмини истифодаи мақсадноки маблағҳои зикргардида, ки барои ҳалли фаврии масъалаҳои марбут ба барқарорсозии хонаҳои истиқоматии вайронгардида, биноҳои истеҳсолӣ ва объектҳои таъминоти зисти аҳолӣ дар ноҳияҳои ҳамсарҳад тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидаанд;

- муайян намудани самтҳои асосии ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи баланд бардоштани устувории фаъолияти иншооти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодда;

- ташкили омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда;

- ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои вазорату идораҳои ҷумҳурӣ бо давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда дар доираи ӯҳдадориҳое, ки аз шартномаҳо ва созишномаҳои дахлдор бармеоянд.

## 3. ҲУҚУҚҲОИ КОМИССИЯ

5. Комиссия ҳуқуқ дорад:

- оид ба рушд ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда пешниҳодҳоро баррасӣ намуда, хулосаҳои худро диҳад;

- дар доираи салоҳияти худ ҷиҳати мукаммал намудани ҳамкориҳои вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳо дар самти ҳифзи аҳолӣ, ҳудуд ва иншооти иқтисодиёт дар ҳолатҳои фавқулодда қарорҳои зарурииро қабул намояд;

- бо тартиби муқарраршуда ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии масъалаҳои ба салоҳияти Комиссия дахлдоштаро пешниҳод намояд;

- бо қарори худ тақсимоти маблағҳоеро, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда ва номгӯйи нншооти аз онҳо осебдида ҷудо мешаванд, тасдиқ намояд;

- ҳисоботи шахсони мансабдори вазорату идораҳо, раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва ташкилотҳои ҷумҳурӣ оид ба истифодаи мақсадноки маблағҳо барои пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда ва дигар масъалаҳои ба салоҳияти Комиссия дахлдорро баррасӣ намояд;

- ҳисоботҳоро дар бораи ҳолати ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳолатҳои фавқулодда ва ҳолати Низоми ягона, зернизомҳои вазифавӣ ва ҳудудиро дар давраи фаъолияти кӯтоҳмӯҳлат, миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат шунавад;

- бо тартиби муқарраргардида аз вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ: мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ва ташкилотҳо маълумот ва маводи барои амалӣ намудани фаъолияти кори Комиссия зарурбударо талаб ва қабул намояд;

- назорати иҷрои барномаҳои мақсадноки ба Комиссия пешниҳодшударо оид ба масъалаҳои ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда ва устувории фаъолияти иншооти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодда амалӣ намояд;

- аз ҳисоби аъзои Комиссия гурӯҳҳои кориро ҷиҳати баҳодиҳии вазъият, таҳияи пешниҳодот оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда, истифодаи захираҳои манбаъҳои моддию молиявӣ, ташкили корҳои барқарорсозӣ баъд аз ҳолатҳои фавқулодда таъсис

диҳад, ҳамчунин, ҳамоҳангсозии амали мақомоти идоракунӣ ва қувваҳои вазифавӣ ва ҳудудии Низоми ягона, ки барои рафъи ҳолатҳои фавқулодда ҷалб карда мешаванд, ҳалли дигар масъалаҳои таъхирнопазирро ташкил намуда, тартиби кори гурўҳҳоро муайян намояд;

- мутахассисони вазорату идораҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро тибқи тартиби муқарраргардида барои иҷрои корҳои таҳлилӣ, озмоишӣ ва дигар корҳои ба салоҳияти Комиссия марбутбуда ҷалб намояд.

## 4. ҲАЙАТИ КОМИССИЯ

6. Раиси Комиссия Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

7. Ҳайати Комиссияро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

## 5. ЎҲДАДОРИҲОИ КОМИССИЯ

8. Раиси Комиссия:

- фаъолияти Комиссияро роҳбарӣ менамояд;

- маҷлисҳои Комиссияро даъват намуда, масъалаҳои рўзномаи маҷлисро тартиб дода, оид ба иҷрои масъалаҳои баррасигардида ба аъзои Комиссия дастуру супориш медиҳад;

- регламенти кори Комиссия, ҳайати қувва ва воситаҳо, вазифаҳои зернизомҳои Низоми ягонаро тасдиқ мекунад;

- дигар вазифаҳоро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро менамояд.

9. Ҳангоми роҳбарии бевосита ба корҳои рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда ва дар ҳолатҳои зарурӣ ба Раиси Комиссия чунин ҳуқуқҳо дода мешавад:

- барои пешгирӣ ё рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда захираҳои зарурии одамон, воситаҳои нақлиётӣ, наҷотдиҳӣ, тиббӣ, қувваю воситаҳои дигари вазорату идораҳо, корхонаю ташкилотҳои дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикиотон ҷойгирбударо ҷалб намояд;

- барои ин мақсадҳо захираю манбаъҳои моддию техникӣ, тиббӣ, озуқаворӣ ва дигар манбаъҳова захираҳои заруриро истифода барад.

10. Ӯҳдадориҳои вазифавии аъзои Комиссияро Раиси Комиссия тасдиқ менамояд.

## 6. ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ КОРИ КОМИССИЯ

11. Комиссия фаъолияти худро мутобиқи нақшаи корие, ки дар маҷлиси Комиссия қабул ва аз ҷониби Раиси он тасдиқ шудааст, ба анҷом мерасонад. Маҷлисҳои Комиссия аз рӯи зарурат, вале на камтар аз ду маротиба дар як сол гузаронида мешаванд.

12. Маҷлисҳои Комиссияро Раиси он ё бо супориши ӯ яке аз муовинони он мегузаронад.

13. Қарорҳои Комиссия бо овоздиҳии кушод қабул карда мешаванд ва ҳангоми овоз додани аксарияти аъзои Комиссия, ки дар маҷлис ҳузур доранд, қабулшуда ҳисоб меёбанд. Дар ҳолати баробарии овозҳо қарори қабулшуда қароре ҳисоб меёбад, ки ба он Раис овоз додааст. Қарорҳои Комиссия бо протокол ба расмиятдароварда, ки аз ҷониби раисикунанда тасдиқ шуда, ба шахсони манфиатдор дар шакли нусха (иқтибос) расонида мешаванд.

14. Иҷрои протоколҳои маҷлисҳои Комиссия, қарору фармоишҳое, ки аз рӯи натиҷаҳои баррасии масъалаҳо дар доираи салоҳиятҳояш қабул шудаанд, барои тамоми вазоратҳо, кумитаҳои давлатию идораҳои ҷумҳурӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгирбуда, сарфи назар аз тобеияти идоравиашон, ҳатмӣ мебошанд.

15. Дар давраи байни маҷлисҳои Комиссия, қарорҳои қабулгардида дар шакли фармоиш ва супориш ба маълумоти иҷрокунандагон расонида мешаванд.

16. Мақоми кории Комиссия Раёсати мудофиа ва тартиботи ҳуқуқии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

17. Мақоми кории Комиссия:

- тайёрии маҷлисҳои Комиссияро ташкил мекунад, таъминоти техникии кори онро амалӣ менамояд;

- лоиҳаи нақшаҳои кори Комиссияро таҳия ва бо аъзои Комиссия мувофиқа менамояд;

- коргузории Комиссияро ба роҳ монда, протоколи маҷлисҳоро ба расмият медарорад;

- расонидани қарорҳои қабулшудаи Комиссияро то вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, бахши хусусӣ ва ҷамъияти шаҳрвандӣ таъмин намуда, назорати татбиқи онҳоро ташкил менамояд;

- дигар вазифаҳоро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро менамояд.

18. Таъминоти корҳои ташкилию техникии Комиссияро Раёсати мудофиа ва тартиботи ҳуқуқии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳуррии Тоҷикистон ба анҷом расонида, ки дар ҳолатҳои зарурӣ Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб карда мешавад.

19. Комиссия оид ба масъалаҳои нисбатан муҳим, ки онҳоро Комиссия баррасӣ ва ҳал мекунад, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам маълумот медиҳад ва ҳар сол ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи корҳои иҷрошуда маълумот пешниҳод менамояд.

20. Комиссия метавонад оид ба масъалаҳои асосие, ки ба фаъолияти вай марбут мебошанд, гурӯҳҳои корӣ таъсис диҳад ва тартиби кори онҳоро муайян кунад.

21. Дар асоси механизми мавҷудбудаи ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳо **дар назди Комиссия Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ** таъсис дода мешавад, ки он **мақоми машваратию маслиҳатдиҳӣ** мебошад.

22. Раисони комиссияҳо оид 6а ҳолатҳои фавқулоддаи вазорату идораҳое, ки ба ҳайати Комиссия шомил нагардидаанд, инчунин мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар маҷлисҳои Комиссия ҳангоми баррасии масъалаҳои дахлдор бо ҳуқуқи ба аъзои Комиссияи мазкур мансуббуда иштирок менамоянд.

## 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

23. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳо дар назди Раиси Комиссия ҳисоботдиҳанда мебошанд.

24. Фаъолияти Комиссия бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ гардонида мешавад.

Замимаи 2

Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 30 декабри соли 2015, № 799

тасдиқ шудааст

**Ҳаййати Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодца (аз рӯи вазифа)**

1. РОҲБАРИЯТИ КОМИССИЯ:

1. Раиси Комиссия - Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

2. Муовини якуми Раиси Комиссия - Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон

3. Муовини Раиси Комиссия - муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарпарасти соҳа

4. Муовини Раиси Комиссия - Раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

5. Котиби масъули Комиссия - Сардори Раёсати мудофиа ва тартиботи ҳуқуқии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

2. АЪЗОИ КОМИССИЯ:

1. Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

2. Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

3. Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

4. Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

5. Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

6. Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

7. Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

8. Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

9. Вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

10. Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон

11. Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

12. Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

13. Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

14. Вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон

15. Раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

16. Раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон

17. Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

18. Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

19. Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

20. Раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

21. Раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

22. Сардори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

23. Сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

24. Сардори Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

25. Директори Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

26. Директори Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

27. Директори Агентии стандартизатсия, метрология. сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

28. Директори Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

29. Сардори Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

30. Директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

31. Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

32. Сардори Раёсати кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зисти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

33. Сардори Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

34. Сардори Раёсати молияи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

35. Сардори Раёсати банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

36. Раиси Ширкати саҳомии холдингии кушодаи "Барқи Тоҷик"

37. Директори генералии Корхонаи воҳиди давлатии "Хоҷагии манзилию коммуналӣ"

38. Директори генералии Ширкати давлатии суғуртаи Тоҷикистон "Тоҷиксуғурта"

39. Раиси садорати Бонки давлатии амонатгузории "Амонатбонк"

40. Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон